«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и., дотсент
_____________________Хайрзода Ш.Қ.
«___»_____________04________ с. 2021

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи илмии Давлатов Диловар Сайфуллоевич дар мавзӯи «Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – “Молия, гардиши пул ва қарз” пешниҳод шудааст.**

**1. Мубрамияти мавзӯи тадқиқот**

Дар шароити муосир ҳар як давлат танзими иқтисоди миллиашро ба воситаи дахолати гуногун ба иқтисод, бо мақсади таъмини фаъолияти самараноки низоми иқтисодӣ амалӣ мегардонад. Танзими давлатӣ барои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад. Давлат дар амалигардонии танзими иқтисодӣ, аз усулҳои гуногуни таъсиррасон ба иқтисодиёт, тавассути буҷет, андозҳо, сиёсати пулию қарзӣ ва ғайраро истифода мебарад.

Аз ин лиҳоз танзими андоз, бояд дар мадди аввал барои ҳавасмандсозии намудҳои алоҳидаи фаъолият, рушди корхонаҳои хурду миёна, инчунин рушди соҳаҳои афзалиятдошта бахри таъмини бозори истеъмолӣ равона гардад.

Аҳамияти мавзӯъ дар зарурати такмили танзими андозбандӣ дар рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба шумор меравад, чунки танзими андозбандӣ ба сифати воситаи асосии таъсири давлат ба рушди истеҳсолот ва муайян намудани афзалиятҳои рушди иқтисодии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баромад мекунад.

Дар шароити бухрони ҷаҳонии молиявӣ бо сабаби паҳн гардидани бемории коронавирус (COVID - 19) ва таназзули иқтисодӣ, нақши танзимкунандаи давлат пурзӯр гардида, нақши танзими андозбандӣ низ ба сифати яке аз муҳимтарин навъи танзими макроиқтисодии рушди иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

боло меравад. Аз ин ҷост, ки масъалаҳои танзими давлатии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он, то ба ҳол баҳсталаб боқӣ мемонад.

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, нақши танзими андоз дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ба андозаи зарурӣ таҳқиқ ва коркард нагардидааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он банақшагирии андозҳо, то ба ҳол бе назардошти баҳисобгирии иқтидори андозсупорӣ амалӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, пурзӯргардонии нақши давлат дар танзими андоз ва мукаммалгардонии вазифаҳои он дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мушкилоти ҷиддӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, аз нигоҳи илмӣ асоснок кардани нақши давлат дар танзими андозии рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он, дар заминаи такмил намудани сиёсати андозбандӣ муҳиммияти интихоби мавзӯи тақиқшавандаро муайян менамояд.

**2. Сатҳи коркарди илмии таҳқиқот**

Муаллиф ҳангоми таҳқиқот асарҳои олимони мазкур: хориҷӣ Аткинсон Э., Вагнер А., Кейнс Ҷ., Петти У., Риккардо Д., Самуэлсон П., Смит А., Стиглитс Ҷ.,. Сэй Ж.Б., Фридман М. Олимони рус Барулин С.В., Гордеева О.В., Горский И.В., Демин А.В., Евстигнеев Е.Н., Камишан В.А., Починок А.П., Пансков В.Г., Рябова Р.И., Холодов Л.Г., Черник Д.Г. Олимони ватанӣ Иброҳимзода И.Р., Исайнов И.Ҳ., Исломов Т.С., Қаюмов Н.Қ., Қодирзода Д.Б., Назаров Т.Н., Низомова Т.Д., Обидов Ф.С., Раҳимов З.А., Саидмуродов Л.Х., Султонов З., Умаров Х.У., Улугхоҷаева Х.Р., Усмонова Т., Ҳикматов У.С., Ҷумабоев Х., Шукуров С. ва дигаронро ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

**3. Мақсад, асоснокии назариявию амалии таҳқиқот, соҳаи таҳқиқот.**

Мақсади таҳқиқот дар асосноккунии назариявӣ - методӣ ва интихоби пешниҳодҳои амалӣ оид ба баландбардории самаранокии танзими андози рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Вобаста ба мақсадҳои гузошташуда дар рисолаи мазкур ҳалли якчанд вазифаҳо бароҳ монда шудааст, аз ҷумла:

- таҳавуллоти назариявии танзими андоз ва накши он дар рушди иқтисоди миллӣ;
- принсипҳо ва усулҳои танзими андозии иқтисоди миллӣ;
- гузаронидани таҳлили муқоисавии низоми ҷории андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он;
- дида баромадани иқтидори андозсупорӣ ва тарзҳои муайян намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он;
- усулҳои муосири муайяннамоии иқтидори андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он;
- таҳкими вазифаи ҳавасмандгардонии андоз дар механизми танзими андоз.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки унвонҷӯ дар раванди таҳқиқоти мавзӯи мазкур ба ҳалли вазифаҳои гузошташуда ноил гашта, вобаста ба онҳо пешниҳодҳои мушаххас намудааст. Барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳое, ки дар диссертатсия гузошта шуда буданд, аз усулҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, ҷамъбастсозӣ, моделикунонии мантиқӣ, таҳлили ҷорӣ ва дурнамо, инчунин ҷанбаҳои бунёдӣ оид ба рушди иқтисоди бозорӣ, ки дар корҳои илмии иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ коркард гардидаанд, ва ғайра истифода кардааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар амиқ намудани методологияи иқтисодӣ-назариявӣ ва таҳлили институтсионалии низоми андозӣ, муайянсозии самтҳои асосии таъсиррасонии андоз ба соҳаҳои иҷтимоии давлат ва коркарди консепсияи муосир мебошад. Хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада таҳқиқоти мавҷударо дар соҳаи назарияи иқтисод ва рушди иқтисодиёти институтсионалӣ пурра сохта, метавонанд ба пояи назариявии таҳкими сиёсати андозии давлат, ки ба рушди самараноки иқтисоди миллӣ равона карда шудааст, ворид карда шаванд.

Сарчашмаҳои иттилоотии таҳқиқотии диссертатсиониро корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ (монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо), маълумоти воқеию

омории гирдовардаи муаллиф, маводҳои расмии ВАО, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омори расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тавсияҳои муассисаҳои илмии мамлакат ва санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ оид ба андоз ва андозбандӣ истифода бурда шудаанд.

Таҳқиқоти мазкур аз рӯйи ихтисоси 08.00.10. – “Молия, гардиши пул ва қарз” гузаронида шудааст, ки дар доираи шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бандҳои: 2.27. - Иқтидори андозии минтақа ва субъектҳои алоҳида, 2.5. - Танзими андоз дар бахшҳои иқтисодиёт, 2.6. - Назарияи танзими низоми буҷетию андозӣ, 2.9. - Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти низоми андозӣ, 3.14. - Назария, методология ва методҳои заминавии андозбандии субъектҳои хоҷагидор, 3.18. - Консепсияи машваратҳои андозӣ ва экспертизаи андозӣ мувофиқ мебошад.

**4. Навгониҳои илмии таҳқиқот**

Навгонии таҳқиқоти илмӣ дар коркарди низоми батанзимдарории андозии рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он дар давраи дарозмуҳлат зоҳир меёбад.

Натиҷаҳои муҳимтарини илмӣ, ки аз ҷониби муаллиф ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, аз инҳо иборатанд:

- ҷанбаҳои назариявии танзими андозӣ таҳқиқ гардида, назарияи муосири танзими андозбандии рушди иқтисодӣ омӯхта шуда, низоми танзими андозбандии рушди иқтисодӣ, ки тавассути ҳавасмандкунии тараққиёти истеҳсолот бо ёрии истифодаи имтиёзҳои андозӣ, афзалиятдиҳии андозӣ, тахфифҳои андозӣ, таътили андозӣ, қарзҳои сармоягузории андозӣ ва ғайра амалӣ мегардад, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд;

- исбот карда шудааст, ки усулҳо ва равишҳои асосии танзими андозбандии давлат бевосита ба рушди истеҳсоли маҳсулот таъсири мустақим расонида, пешниҳод гардидааст, ки ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҳавасмандкунии андозбандии

раванди сармоягузорӣ ва маблағгузории соҳаҳои афзалиятдошта васеъ истифода намоянд;

- маҷмӯи нишондиҳандаҳои базавӣ ва иловагии низоми ҷории андозбандӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, масъалаҳои ҷойдошта дар раванди таҳлили муқоисавӣ ошкор гардида, дар ин замина, вобастагии вазъи рушди иқтисоди миллӣ аз фишангҳои андозӣ асоснок карда шудааст;

- дар асоси баҳогузорӣ иқтидори андозсупории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, фишангҳои муосири таъсиррасонанда ба сатҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар баробари ин, гурӯҳбандии фишангҳои танзими андозӣ, ки ба ду гурӯҳи асосӣ, яъне: меъёрҳои қонунгузорӣ ва тағйири унсурҳои андозӣ (субъекти андоз, объекти андоз, манбаи андоз, меъёрҳои андоз, имтиёзҳои андоз ва ғайра) ҷудо карда мешаванд, гузаронида шудаанд;

- масъалаҳои асосии такмили механизми танзими андозбандӣ дар ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои тобеи он муайян гардида, роҳҳои ҳалли онҳо ба воситаи фишангҳои муосири андозӣ, ба монанди имтиёзҳои андозӣ, таътилҳои андозӣ, паст намудани фоизи андозҳо ва озод кардан аз баъзе намудҳои андоз пешниҳод гардида, масъалаи зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо ва пардохтҳо ва самаранок татбиқ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани онҳо, ки яке аз муаммоҳои муҳимтарин ба ҳисоб мераванд, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

- механизми ҳавасмандгардонии низоми андозбандии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва раванди батанзимдарории низоми андозбандии муосир коркард ва пешниҳод гардида, дар баробари ин, имтиёзҳои андозӣ аз нигоҳи муаллиф ба гурӯҳҳо ва механизми фаъолияти ягона ҷудо карда шудаанд.

Навгониҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар амиқ намудани методологияи иқтисодӣ-назариявӣ ва таҳлили институтсионалии низоми андозӣ, муайянсозии самтҳои асосии таъсиррасонии андоз ба соҳаҳои иҷтимоии давлат ва коркарди консепсияи муосир мебошад. Хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада таҳқиқоти мавҷударо дар соҳаи назарияи иқтисод ва рушди иқтисодиёти институтсионалӣ пурра сохта, метавонанд ба пояи назариявии

таҳкими сиёсати андозии давлат, ки ба рушди самараноки иқтисоди миллӣ равона карда шудааст, ворид карда шаванд.

Пешниҳоди заминаҳои низоми танзимдарории андозҳо дар ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон фароҳам меорад, то бо тартиби фаврӣ низоми такмилдиҳии ҷараёнҳо ва тартиботи идоракунии захираҳои молиявии давлат ва механизми рушди фаъолияти соҳибкориро ба роҳ монем. Такмилдиҳии низоми андозбандӣ ба таҳкими рушди устувории иқтисодиёти миллӣ мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд замина барои таҳқиқоти оянда оид ба масъалаҳои баландбардорӣ ва рушди фаъолияти мақомоти андоз гарданд.

Хулосаҳои асосии назариявӣ ва амалии диссертатсия метавонанд дар фаъолияти ташкилотҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва амалии бахши андозӣ истифода карда шаванд. Паҳлӯҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд ҳангоми таълимдиҳии фанҳои дарсии «Андоз ва андозбандӣ», «Молия», «Идораи молияи давлатӣ» ва ғайра истифода карда шаванд.

**4. Сохт ва таркиби рисолаи диссертатсионӣ**

Сохт ва таркиби рисолаи диссертатсионӣ ба мақсади асосӣ мувофиқ буда, бе восита аз вазифаҳои муайяншуда бар меояд ва мантиқи ҷараёни таҳқиқотро инъикос мекунад. Рисолаи диссертатсионӣ аз аз сарсухан, се боб ва хулоса иборат буда, он 185 саҳифа матни компютериро дар бар мегирад. Рӯйхати сарчашмаҳои истифодагардида ва адабиёти илмӣ аз 164 номгӯ иборат мебошанд.

Дар сарсухан муаллиф ҷиҳатҳои актуалӣ будани мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро асоснок гардонида, дараҷаи коркард ва навоварии онро нишон додааст (саҳ. 3-13).

**Дар боби якум “Асосҳои назариявии танзими андозии иқтисоди миллӣ”** таҳавуллоти назариявии танзими андоз ва нақши он дар рушди иқтисоди миллӣ, принсипҳо ва усулҳои танзими андозии иқтисоди миллӣ, инчунин таҷрибаи давлатҳои хориҷа оид ба танзими низоми андоз таҳқиқ шудааст (саҳ. 13-54).

Дар ин боб, муаллиф таҳавулоти назариявии танзими андоз ва нақши он дар рушди иқтисоди миллӣ ақидаҳои олимону дохиливу хориҷиро таҳлил намуда (саҳ. 13-33), дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки тибқи назарияи Кейнс Ҷ.М., андозҳо омили аслии танзими иқтисодиёт ба шумор меравaнд ва ба рушди он мусоидат мекунанд, чунки пасандозҳои иловагиро, ки ба рушди иқтисодӣ мусоидат менамоянд, мусодира мекунанд.

Ба ақидаи муаллиф, набояд фаромуш кард, ки ҷорӣ намудани гаронии андози аз эътидол зиёд ин як воситаи поймол кардани манфиатҳои шахсии соҳибкорон, ба миён омадани иқтисоди сиёҳ (пинҳон кардани даромадҳо) ва содироти сармоя ба дигар кишвар ё минтақа оварда мерасонад (саҳ. 18).

Ҳамзамон, принсипҳо ва усулҳои танзими андозии иқтисоди миллиро таҳлил намуда, (саҳ. 37-38) ба андешаи як қатор олимони соҳаи иқтисод ба пуррагӣ розӣ нашудааст, чунки имтиёзҳои андозӣ на фақат барои баробаркунии вазъияти иҷтимоӣ - иқтисодии гурӯҳҳои гуногуни андозсупорандагон пешниҳод мегарданд, балки бо мақсади ҳавасмандкунии маҳсулоти зарурӣ дар истеҳсолот дода мешаванд. Инчунин, андешаи муаллиф вобаста ба он, ки имтиёзҳои андозӣ усули мукофотонидан барои хизматҳои махсус мебошанд, қобили дастгирист, чунки давлат ба навсозии иқтисодиёт, рушди фаъолияти сармоягузорӣ ва такмили технологияҳо ва ғайраро, тавассути даромадҳои андозӣ ба роҳ мемонад.

Дар натиҷаи таҳлили таърифҳои овардашудаи намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ ва гурӯҳи алоҳидаи олимон муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки танзими андоз ин фишанги қабули қарорҳо, тарз ва усулҳое мебошанд, ки бо воситаи он давлат танзим ва ҳавасмандгардонии рушди иҷтимоӣ - иқтисодии муносибатҳои андозии субъектҳоро таъмин менамояд.

Муаллиф зимни таҳқиқот, масъалаҳои таҷрибаи давлатҳои хориҷиро оид ба танзими низоми андозбандӣ (ҷадвали 1.3.1. мамлакатҳое, ки дар ҷаҳон меъёрҳои баланди андозҳоро доранд саҳ. 47-48 ) таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки аз ҳама меъёри баланд дар байни андозҳо ин: андоз аз даромади

шахсони воқеӣ меъёраш аз 50% то 56,9%, андоз аз фоида меъёраш аз 33% то 39% ва андоз аз арзиши иловашуда бошад меъёраш аз 23% то 27% ба шумор меравaнд. Инчунин дар ҷадвали 1.3.2. мамлакатҳое, ки бори гарони андозро ба душ доранд (саҳ. 48-49) -ро таҳлил намуда, ба хулосае омадааст, ки дар бисёри мамлакатҳои ҷаҳон гаронии баланди андоз вуҷуд дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни 27 мамлакати бори гарони андозӣ дошта ҷойи 3 - юмро ишғол мекунад. Аз ҳама бори гаронии андозро Аргентина доро мебошад, ки ҷойи аввалро ишғол мекунад 137% нисбати фоидаи корхона, ҷойи дуюмро бошад аз рӯи гаронии андоз Боливия ишғол мекунад 83,7% нисбати фоидаи корхона. Танҳо як намуди андоз, андоз аз гардиш дар Аргентина 90%-и фоидаи ширкатро мегирад.

**Боби дуюми рисола «Ҳолати муосири танзими механизми андозии иқтисоди миллӣ»** буда, муаллиф дар ин боб ҳолати муосири низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, усулҳои муосири муайяннамоии иқтидори андоз, таҳкими вазифаи ҳавасмандгардонии андоз дар механизми танзими андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он мавриди таҳлил қарор дода, раванди ташаккули иқтидори андозсупорӣ, омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва буҷетӣ муайян гардидаанд (саҳ. 54-103).

Дар ин бахш, муаллиф доир ба низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳоро пешниҳод намуда, андозҳоро вобаста ба сатҳ гурӯҳбандӣ намудааст (расми 2.1.1. саҳ. 62). Низоми андози амалкунанда бояд аз як тараф талаботи давлатро ба захираҳои молиявӣ таъмин намояд ва аз тарафи дигар, на танҳо омилҳои андозсупорандаро барои фаъолияти соҳибкорӣ поён оварад, балки ӯро барои ҷустуҷӯи роҳҳои баландбардории самаранокии хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ нигоҳ дорад.

Дар кори илмӣ оварда шудааст, ки ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 3 шаҳр, 10 ноҳия иборат буда, дар он теъдоди корхонаҳо, ташкилотҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибкорони ифиродие, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси патент ва шаҳодатнома амалӣ менамоянд ба қайд гирифта шудаанд. Ҳамаи

корхонаҳо, соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ андозсупоранда ба шумор мераванд.

Вобаста ба маълумотҳои ба дастовардаи муаллиф даромадҳои андозӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ дар соли 2013 - 536,9 млн. сомонӣ, соли 2014 - 654,7 млн. сомонӣ, соли 2015 - 706,9 млн. сомонӣ, соли 2016 - 914,3 млн. сомонӣ, соли 2017 - 831,2 млн. сомонӣ, соли 2018 - 988,9 млн. сомонӣ ва дар соли 2019 - 1036,5 млн. сомониро ташкил намудааст (ҷадвали 2.1.3. саҳ 64). Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо сабаби иктидори пасти иқтисодӣ ва молиявӣ, иқтидори андозӣ ҳам дар сатҳи паст қарор дорад. Иқтидори пасти андозӣ бошад сабаби боло рафтани қарзи андозӣ гардида ва ҷаримаҳо нисбати андозсупорандагон бештар шудаанд (ҷадвали 2.2.4. саҳ. 93).

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки иқтидори андозии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар муқоиса бо минтақаҳои дигар, дар сатҳи бисёр паст қарор дорад ва ин ҷамъоварии андозро дар кулли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ паст мекунад. Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар ҳар соли таҳлилгардида, аз соли 2013 сар карда то соли 2019 ҷамъоварии амалии андоз, нақшаи онро иҷро намегардид. Таҳлили иқтидори андозии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки дар панҷ соли охир, камбудиҳои андозсупорӣ ҷой доштанд.

Ичунин таҳқиқи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба қарзи андоз нишон медиҳад, ки дар соли 2013 қарзи андоз 42,6 млн. сомонӣ, соли 2014 қарзи андоз 46,1 млн. сомонӣ, соли 2015 қарзи андоз 53,9 млн. сомонӣ, соли 2016 қарзи андоз 71,4 млн. сомонӣ, соли 2017 қарзи андоз 83,7 млн. сомонӣ, соли 2018 қарзи андоз 63,3 млн. сомонӣ ва дар соли 2019 қарзи андоз 63,7 млн. сомониро ташкил додааст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки қарзи андоз дар соли 2019 нисбат ба соли 2013 қариби 50% зиёд гардидааст (саҳ. 94-95).

**Мазмуни асосии боби сеюм «Самтҳои мукаммалгардонии механизми танзими андози иқтисоди миллӣ»** буда муаллиф самтҳои афзалиятноки танзими андозии рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, модели оптимизиатсонии танзими андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асоснок намудани масъалаҳои такмили механизми танзими андоз дар минтақаҳо ва

роҳҳои ҳалли онҳоро дар сатҳи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор додааст (саҳ. 118-160).

Дар ин боб муаллиф дар ҷадвали 3.2.1. гаронии андозро дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ду усул, яъне ҳаҷми маблағи андозҳо нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ва ба сари аҳолӣ баҳогузорӣ намудааст.

Инчунин дар баробари ҳамаи ин, муаллиф масъалаи қонунияти алоқамандии воридоти андозҳоро аз омилҳои зерин аз қабили иқтидори андозӣ, қарзҳои андозӣ ва МММ ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро ошкор карда, дар асоси онҳо модели регрессиониро тартиб дода, дурнамои омили вобастаро барои солҳои минбаъда муайян намояд, ки ин аз арзиши баланди илмии рисола шаҳодат медиҳад. (ҷадвали 3.2.2).

Дар хулоса, вобаста ба вазифаву навгониҳо ва дастовардҳои илмӣ-амалии таҳияшуда, пешниҳодҳои мушаххаси муаллифӣ оварда шудаанд.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ Давлатов Д.С. дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, арзиши баланди илмӣ доранд.

**5. Баҳои автореферати рисолаи илмӣ.**

Автореферат пурра ба мазмун ва мундариҷаи рисолаи диссертатсионӣ мувофиқ буда, ба талботҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, мазмуну муҳтавои навгониҳои асосии рисоларо дар бар гирифта, мақолаҳои илмии муаллиф вобаста ба мавзуи диссертатсионии мазкур чоп шудаанд.

**6. Камбудиву норасоиҳои рисола.**

Новобаста аз дастовардҳо, диссертатсияи мазкур аз камбудӣ ва хатогиҳо холӣ нест. Ба назари мо диссертатсия дорои камбудиҳои зерин мебошад:

1. Дар бобҳои алоҳидаи рисола, иқтибосҳо аз Стратегияҳои мавҷудаи сиёсати андозии Ҷумхурии Тоҷикистон роҷеъ ба мавзӯи диссертатсионӣ кам оварда шудааст. Ҳоло он, ки ин масъала дар ин ҳуҷҷатҳои муҳимӣ сиёсати андозӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад;

2. Муаллиф оид ба асарҳои бархе аз олимони ватанӣ сарфи назар кардааст, ки ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқотҳои минбаъда боиси беҳтаргардии арзиши илмии рисола мегардад;

3. Таҷрибаи пешқадами давлатҳои тараққикарда ва рубатараққӣ кам оварда шудааст дар таҳқиқот. Муаллифро зарур аст, ки дар таҳқикотҳои минбаъда ба ин масъала аҳамият диҳад;

4. Дар рисолаи диссертатсионӣ пешгуиҳо оид ба ҳолати минбаъдаи ташаккули иқтидорҳои андозии минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то барои соли 2030 аз нуқтаи назари ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ пешгӯи нашудаанд. Ҳоло он, ки ин яке аз омилҳои ғанӣ гардонии даромадҳои андозӣ, баланд намудани иқтидори андозии минтақаҳо ва дар маҷмӯъ кишвар ба ҳисоб меравад;

5. Масъалаи кам намудани гаронии андоз вобаста ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва истифодаи усулҳои танзими андоз васеъ баррасӣ нагардидаанд, ки таҳлили онҳо дар оянда боиси баланд шудани арзиши илмии он мегардад;

6. Дар диссертатсия илмӣ хатогиҳои грамматикӣ, стилистикӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

**7. Баҳои умумии мутобиқати рисола ба талаботҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Дар маҷмӯъ камбудиҳои ҷойдошта наметавонад, ки қимати диссертатсияро коҳиш диҳанд. Аз ин рӯ, **Давлатов Диловар Сайфуллоевич дар мавзӯи «Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**, дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ **аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – "Молия, гардиши пул ва қарз"** мебошад.

Тақризро н.и.и., дотсент Исломов Тоҳир Султонмуродович омода намуд ва дар ҷаласаи кафедраи андоз ва андозбандии ДДМИТ муҳокима карда шуд. Суратҷаласаи кафедра №9, аз 12 апрели соли 2021.

Раиси ҷаласа,
мудири кафедраи андоз ва андозбандии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент Шукуров С.М.

Лоиҳаи тақризро омода намуд,
дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент Исломов Т.С.

Котиби ҷаласа,
муаллими калони кафедраи
андоз ва андозбандии
Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шодиев Ф.Т.

*Суроғаи донишгоҳ:* Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, хиёбони Нахимова 64/14,
Саҳифаи интернетӣ: www.tgfeu.tj,
Телефон (Факс): (992 37) 231 02 01,
E-mail: tgfeu@tgfeu.tj

Имзои Шукуров С.М., Исломов Т.С. ва Шодиев Ф.Т.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДМИТ Раҷабов Б.С.

13.04. с. 2021

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ